Course name: "Economic Evaluation of Investments"

# Week 5 : Investment Agreements for Implementation of State Investment Projects

**Номи фан: Баҳодиҳии иқтисодии сармоягузорӣ**

*(Economic Evaluation of Investments)*

**МАВЗӮИ 5 .** Созишномаҳои сармоягузорӣ барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ

Саволҳои лексия:

1. Асосҳои ҳуқуқию иқтисодии созишномаҳои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон
2. Асосҳои ҳуқуқию иқтисодии шартномаи консессия дар Тоҷикистон
3. Моделҳои ҳамкории давлат ва хусусӣ: таҳлили муқоисавӣ

## 1. Асосҳои ҳуқуқию иқтисодии созишномаҳои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон

Созишномаҳои сармоягузорӣ ҳамчун воситаи ҳуқуқии муосир барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти стратегӣ доранд. Муҳимияти онҳо дар чандин ҷанбаҳо зоҳир мегардад, аз он ҷумла:

1. Ҳимояи ҳуқуқии сармоягузорон;
2. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ;
3. Татбиқи лоиҳаҳои стратегӣ;
4. Ташкили шарикии давлат ва бахши хусусӣ;
5. Таъмини манфиатҳои давлатӣ

***Ҳимояи ҳуқуқии сармоягузорон дар бар мегирад:***

- кафолат додани устувории шартномавӣ;
- пешбинӣ намудани муқаррароти устуворӣ (стабилизационная оговорка);
- таъмини ҳимоя аз тағйироти ногувори қонунгузорӣ.

**Ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар бар мегирад чорабиниҳоро оид ба:**

- фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти тиҷоратӣ
- таъмини кафолатҳои иловагии молиявӣ;
- ҳалли мушкилоти репатриатсияи даромад.

**Татбиқи лоиҳаҳои стратегӣ имконият медиҳад ба:**

- татбиқи лоиҳаҳои калонҳаҷм;
- дастгирии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ;
- таъмини рушди устувори иқтисодӣ.

**Ташкили шарикии давлат ва бахши хусусӣ талаб менамояд, ки муайян шаванд:**

- ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафайн;
- тақсимоти хатарҳо;
- механизми назорати самаранок.

**Таъмини манфиатҳои давлатӣ имкон дорад бо:**

- ҳифзи манфиатҳои иқтисодии кишвар;
- таъмини амнияти экологӣ;
- дастгирии рушди минтақавӣ.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҷалби сармоягузориҳои калон барои рушди бахшҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳимми иқтисодӣ манфиатдор аст, заминаи махсуси ҳуқуқиро таъсис додааст. Ду қонуни асосӣ – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳои сармоягузорӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» механизмҳои ҳамкории давлат ва сармоягузорони хусусиро муайян мекунанд.

Дар ин лекция мохияти ин механизмхо, тафовути онхо ва хусусиятхои татбики онхо баён карда мешавад.

Қонун «Дар бораи созишномаҳои сармоягузорӣ» ба танзими муносибатҳои марбут ба татбиқи лоиҳаҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳими сармоягузорӣ нигаронида шудааст. Ҳадафи асосии он таъмини

сармоягузорон бо шароити устувор ва пешбинишаванда барои тамоми давраи лоиҳа, аз ҷумла кафолатҳои махсуси ҳуқуқӣ мебошад.

С**озишномаи сармоягузорӣ** - созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сармоягузор баимзорасонидашуда оид ба татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ мебошад (Моддаи 1).

Моддаи 4-и Қонун тарафҳои созишномаи сармоягузорӣ муайян менамояд:

- **Субъектҳо:**
  - **Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** – намояндаи ҳокимияти давлатӣ.
  - **Сармоягузор** – шахси ҳуқуқӣ (дохилӣ ё хориҷӣ) ё иттиҳодияи чунин шахсон.
- **Объект** – **лоиҳаи сармоягузорӣ** аст, ки бояд «барои рушди бахши муайяни иқтисодиёт аз лиҳози стратегӣ муҳим» бошад.

Қонун барои лоиҳаҳое татбиқ мешавад, ки «ҳаҷми назарраси сармоягузориро пешбинӣ намуда, дараҷаи баланди таваккалҳои молиявӣ, технологӣ, экологӣ ва дигарро дар бар мегирад». Ин далолат бар он дорад, ки **асоси иқтисодӣ**-и он ҷалби сармоягузориест, ки ба таври анъанавӣ ба сабаби таваккалпазирии зиёд ба кишвар ҷалб намешуд. Қонун барои бартараф намудани ин монеа ҳалли ҳуқуқӣ пешниҳод менамояд.

**Принсипҳои асосии ҳуқуқӣ:**

- **Ихтиёрияти тарафҳо:** Тарафҳо худашон масъалаҳои аҳамиятноки лоиҳаро дар созишнома муайян менамоянд (Моддаи 5).
- **Баробарӣ:** Муқаррароти созишнома барои ҳарду тараф ҳатмӣ аст.
- **Кафолатҳои соҳибихтиёрӣ:** Ҳукумати ҶТ кафолат медиҳад, ки тамоми мақомоти давлатӣ муқаррароти созишномаро риоя менамоянд (Моддаи 5).

*Намунаҳои созишномаҳои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон:*

**1) Корхонаи сементбарорӣ дар ноҳияи Восеъ**

- **Сармоягузор:** Ширкати чинии **«Хуасинь-Гайнар»**
- **Ҳаҷми сармоягузорӣ: 120 млн доллари ИМА**
- **Иқтидори истеҳсолӣ:** 1.2 млн тонн семент дар як сол
- **Шартҳои асосӣ дар созишнома:**
  - озодӣ аз андози арзиши иловашуда (ААИ) барои воридоти таҷҳизот;
  - имтиёзҳо дар андози даромад;
  - кафолатҳо аз мусодира.

**2) Комбинати истихроҷи тилои «Кумарги Боло»**

- **Сармоягузор:** Ширкати муштараки **«TAJIK–CHINA MINING»**
- **Ҳаҷми сармоягузорӣ: 300 млн доллари ИМА**
- **Мӯҳлати созишнома:** 25 сол
- **Шартҳои асосӣ:**
  - низоми андози махсус;
  - устувории шартномавӣ назар ба тағйироти қонунгузорӣ.

**3) Сохтмони Истгоҳи Барқии Тандурии Душанбе**

- **Сармоягузор:** Ширкати чинии **«ТБЕА»**
- **Ҳаҷми сармоягузорӣ: 350 млн доллари ИМА**
- **Иқтидор:** 400 МВт
- **Шартҳои асосӣ дар созишнома:**
  - озодӣ аз пардохтҳои гумрукӣ;
  - кафолати репатриатсияи фоида;
  - шароити устувори дарозмуддат.

**4) Лоиҳаи «Зарафшон» (Истихроҷи Тило)**

- **Сармоягузор:** Ширкати тобеи **«Zijin Mining»** (Чин)
- **Шартҳои асосӣ дар созишнома:**
  - шартҳои махсуси андозӣ;
  - ҳимоя аз тағйироти манфии қонунгузорӣ;

- ҳалли баҳс дар арбитражи байналмилалӣ.

Ҳамин тариқ, созишномаҳои сармоягузорӣ ҳамчун механизми самаранок барои ҷалби сармоягузорӣ, татбиқи лоиҳаҳои стратегӣ ва таъмини рушди иқтисодии устувор хидмат менамоянд.

## 2. Асосҳои ҳуқуқию иқтисодии шартномаи консессия дар Тоҷикистон

Шартномаи консессия ҳамчун шакли муҳими шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти зеринро дорад:

1. Ҷалби сармоягузории хусусӣ ба соҳаҳои стратегӣ**;**

**2.** Тақсимоти муваққатии ҳуқуқҳои истифодабарии моликияти давлатӣ**;**

**3.** Таъмини рушди устувори соҳаҳо**;**

4. Ба даст овардани даромад ҳам аз тарафи давлат ва ҳам сармоягузорон;

**5.** Ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ.

***Ҷалби сармоягузории хусусӣ ба соҳаҳои стратегӣ имкон фароҳам меорад ба:***

- истифодаи самараноки манбаъҳои табиӣ (маъдан, об, замин);
- инкишофи инфраструктураи асосӣ (роҳҳо, энергетика, коммуникатсия);
- барқарорсозии объектҳои фарсуда ва бекор хобидаи давлатӣ.

***Тақсимоти муваққатии ҳуқуқҳои истифодабарии моликияти давлатӣ дар бар мегирад:***

- дастрасии сармоягузорони хусусӣ ба манбаъҳои давлатӣ;
- ҳифзи манфиатҳои давлат дар давоми муҳлати шартнома;
- баргардонидани объектҳо ба дасти давлат пас аз поёни муҳлат.

***Таъмини рушди устувори соҳаҳои муҳиму афзалиятнок, аз ҷумла:***

- соҳаи энергетика (истеҳсоли барқ);

- нақлиёт (сохтмони роҳҳо, пулҳо);
- соҳаи коммуналӣ (обёрӣ, гармӣ).

***Ба даст овардани даромад барои давлат метавонад ба миёнояд аз ҳисоби:***

- афзоиши даромадҳои буҷетӣ (аз ҳисоби пардохтҳои консессионӣ);
- эҷоди ҷойҳои нави корӣ ва аз ин хисоб пардохти андоз аз музди меҳнат ба буҷет;
- кам кардани сармоягузориҳои давлатӣ дар буҷети давлатӣ ба бахшҳои иқтисодӣ ва сафарбар кардани маблағҳои сарфашуда ба бахши иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии камбизоатон).

***Ба даст овардани даромад барои сармоягузорон тариқи шартномаи консессия метавонад ба миён ояд аз ҳисоби:***

- дастрасӣ ба манбаъҳои давлатӣ;
- имконияти даромади устувор;
- ҳимояи ҳуқуқӣ дар асоси шартнома;
- озодии фаъолияти тиҷоратӣ.

***Дар натиҷаи татбиқи созишномаи консессионӣ давлат метавонад чунин мушкилоти иҷтимоиширо ҳал кунад:***

- беҳтар кардани шароити зиндагии аҳолӣ;
- таъмин кардани хизматрасонии самаранок;
- рушди минтақаҳои дурдаст.

**Асосҳои ҳуқуқии шартномаи консессияро дар Тоҷикистон** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» (аз 26 декабри соли 2011, №783) ташкил медиҳад.

Қонун «Дар бораи консессияҳо» муносибатҳоеро танзим мекунад, ки ҳангоми аз ҷониби давлат додани амволи давлатӣ (қаъри замин, об, замин, инфрасохтор) барои истифодаи муваққатӣ ба шарики хусусӣ (консессионер) барои азхудкунӣ ва истифодаи онҳо ба миён меоянд.

Мақсади ин Қонун муайян намудани «салоҳияти мақомоти давлатӣ, шарт ва тартиби ба консессия додани объектҳо» мебошад. Аз ин лиҳоз, **асоси иқтисодӣ**-и он аз асоси созишномаи сармоягузорӣ фарқ мекунад: дидаш ба сӯи **истифодаи самараноки манбаъҳои моликияти давлатӣ** (замин, сарватҳои зеризаминӣ, об ва ғайра) равона аст, на ба сӯи эҷоди фаъолияти нав.

**Консессия (иҷозат, гузашт)** - дар асоси шартномаи консессия бо пешниҳоди ҳуқуқи истифодабарии самараноки муваққатӣ ба консессиядор супоридани объектҳои моликияти давлатӣ, аз ҷумла: замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳаво, олами набототу ҳайвонот, дигар моликияти давлатӣ ва боигарии табиӣ, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, инчунин ҳуқуқи бунёди (сохтмони) иншооти нав аз ҳисоби консессиядор бо шарти дар оянда баргардонидани онҳо ба давлат мебошад (Моддаи 1).

**Тарафҳои муносибатҳои консессионӣ:**

- **Субъектҳо** (Моддаи 1):
  - **Консесдент** – Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз номи он Ҳукумати Ҷумҳурӣ ё мақомоти маҳаллӣ баромад менамоянд.
  - **Консессиядор** – шахси хусусӣ (воқеӣ ё ҳуқуқӣ), ба истиснои ташкилотҳои давлатӣ.
- **Объект – объектҳои моликияти давлатӣ** ва иншоотҳое, ки дар натиҷаи иҷрои шартнома пайдо мешаванд.

**Принсипҳои асосии ҳуқуқӣ** (Моддаи 3):

- **Қонуният:** Фаъолият бояд ба қонунгузории ҶТ мувофиқ бошад.
- **Озмун (конкурс):** Интихоби консессиядор одатан бо роҳи гузаронидани озмун сурат мегирад.
- **Фоидаи тарафайн:** Шартнома бояд барои ҳарду тараф фоидаовар бошад.
- **Дахолатнопазирӣ:** Давлат ба фаъолияти мунтазами консессиядор дахолат намекунад.

*Баъзе намунаҳои созишномаҳои консессионӣ дар Тоҷикистон:*

1) Шартнома бо ширкати «Помир Энержи» (соли 2002) — шартномаи консессионии 25 сол — ба рушди минбаъдаи ширкат такон бахшид. Тибқи созишнома 11 нерӯгоҳи хурди барқӣ барқарор карда шуда, хатҳои интиқоли барқ таҷдид карда шуданд.

2) Созишнома бо ширкати Innovative Road Solutions Ltd. (2010) – дар асоси созишнома механизми институтсионалӣ ва инноватсионии идоракунии пулакӣ ва истифодаи шоҳроҳи Душанбе-Чанак ҷорӣ карда шуд.

3) Созишномаи консессияи Маркази барқу гармии Шӯроб (2015) созишномаи байни Ҳукумати Тоҷикистон ва ширкати HOS Powertech International SDN BHD мебошад, ки бо Қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, No789 тасдиқ шудааст.

Ҳамин тариқ, асоси иқтисодии модели консессионӣ рушди инфраструктура ва истифодабарии манбаъҳои табиӣ ба воситаи ҷалби таҷриба ва сармояи хусусӣ мебошад. Давлат манбаъро таъмин менамояд, шарики хусусӣ сармоя ва технологияро меорад. Фоида ба даст овардани арзиши иловагӣ аз манбаъҳое аст, ки имконоти пурраи давлат барои истифодабарии онҳо кофӣ намебошад.

### 3. Моделҳои ҳамкории давлат ва хусусӣ: таҳлили муқоисавӣ

*Муқоисаи механизмҳои интихоби шарик:*

- **Созишномаи сармоягузорӣ -** интихоби сармоягузор тавассути **тендер** сурат мегирад. Гуфтушуниди мустақим низ имконпазир аст (Моддаи 9).
- **Шартномаи консессионӣ -** интихоби консессиядор низ асосан тавассути **озмун (конкурс)** сурат мегирад. Гуфтушуниди мустақим танҳо дар мавридҳои истисноӣ иҷозат дорад (Моддаи 10).

*Муқоисаи кафолатҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ:*

- **Муқаррароти устуворӣ (Стабилизационная оговорка) -** дар **созишномаи сармоягузорӣ** ин кафолати асосӣ аст (Моддаи 6). Дар **шартномаи консессионӣ** чунин муқаррароти мустақим пешбинӣ нашудааст.
- **Пардохтҳо** - дар **консессия** консессиядор пардохтҳои консессионӣ, андозҳо ва дигар пардохтҳоро адо менамояд (Моддаи 12). Дар **созишномаи сармоягузорӣ** масъалаи пардохтҳо дар асоси лоиҳа муайян карда мешавад ва имкони пешбинӣ намудани низоми махсуси андозӣ мавҷуд аст (Моддаи 17).
- **Ҳимояи моликият -** ҳарду модел кафолатҳои умумии ҳимояи моликиятро пешбинӣ менамоянд, вале дар **созишномаи сармоягузорӣ** ин кафолатҳо васеътар ва муфассалтар зикр шудаанд (Моддаи 16).

*Муқоисаи механизмҳои ҳалли баҳс:*

- **Созишномаи сармоягузорӣ -** баҳсҳо метавонанд дар судҳои ҶТ ё дар **арбитражи байналмилалии мустақил** берун аз ҳудуди кишвар ҳал шаванд (Моддаи 21). Интихоби арбитражи байналмилалӣ хусусияти институти мазкур аст.
- **Шартномаи консессионӣ** - баҳсҳо асосан тибқи қонунгузории ҶТ баррасӣ мешаванд. Имконияти истифода аз арбитражи байналмилалӣ дар Қонун ба таври мустақим пешбинӣ нашудааст (Моддаи 19).

**Муқоисаи субъектҳо ва объектҳои муносибат**

| Хусусият | Созишномаи сармоягузорӣ | Шартномаи консессионӣ |
|---|---|---|
| **Субъект (Давлат)** | Ҳукумати ҶТ | Ҳукумати ҶТ ё мақомоти маҳаллӣ (Конседент) |

| Хусусият | Созишномаи сармоягузорӣ | Шартномаи консессионӣ |
|---|---|---|
| **Субъект (Хусусӣ)** | Сармоягузор (шахси ҳуқуқӣ) | Консессиядор (шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ) |
| **Объекти асосӣ** | **Лоиҳа** (фаъолияти навсозӣ ё бунёдӣ) | **Объекти моликияти давлатӣ** (манбаъ ё инфраструктура) |

*Интихоби байни ин ду модели ҳуқуқӣ ба хусусияти лоиҳа вобаста аст:*

- **Созишномаи сармоягузорӣ** барои лоиҳаҳои нави бузурги саноатӣ, технологӣ ё инфраструктурӣ, ки ба эҷоди арзиши нав равона шудаанд, мувофиқ аст. Дар ҳолате ки кафолатҳои устувории ҳуқуқӣ **ва** ҳалли баҳс дар арбитражи байналмилалӣ барои сармоягузори хориҷӣ аҳамияти калон дошта бошад.
- **Шартномаи консессионӣ** барои лоиҳаҳое, ки ба истифодабарии самараноки манбаъҳои табиӣ **(**маъдан, об, беша) ва ё идоракунии объектҳои инфраструктурӣ **(**роҳҳо, шабакаҳои коммуналӣ) равона шудаанд, беҳтар аст. Дар ҳолате ки объекти муайяни давлатӣ мавҷуд аст.

Хулоса, ҳарду модел барои рушди иқтисодиёт заруранд. Интихоби онҳо ба воситаи таҳлили амиқи хусусиятҳои лоиҳа, талаботи сармоягузор ва манфиатҳои давлат сурат мегирад.

**Адабиёти истифодашуда:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 15 марти соли 2016, № 1299 (тағйиру иловаҳо ҚҶТ аз 3.08.2018 № 1547).

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ» аз 19 марти соли 2013, № 944 (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 с., №1435).

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» аз 28.декабри соли 2012, №907.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» аз 26 декабри соли 2011, № 783

5. Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021-2025 / Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз « 2 » сентябри 2021, № 358.

6. Сомонаи расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва амволи давлатӣ - https://investcom.tj.